**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидзода И.Ҳ.**
**_______________«28» 06 _______соли 2022**

# ХУЛОСАИ

## Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шуд.

Қодирзода Мирзоқодир Аюб соли 2013 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшиноси умумӣ хатм намуда, аз соли 2014 то соли 2021 ба сифати ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 2021 то ҳол ба сифати муовини сардори шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар давраи омода намудани диссертатсия аз 22 октябри соли 2018 то 15 апрели соли 2021 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон доир ба мавзуи мазкур таҳқиқот бурдааст. Ҳамзамон, аз 15 апрели соли 2021 дар мавзуи мазкур таҳқиқотро ба сифати унвонҷӯи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дода истодааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳо аз фанни таърих ва фалсафаи илм (21.01.2020, №196) ва забони англисӣ (21.01.2020, №254) аз ҷониби Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Аз рӯйи муҳокима хулосаҳои зерин қабул гардид:**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои марказии илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шудааст. Зеро, функсияи экологии давлат аз ҷумлаи функсияҳои муҳими давлат ба ҳисоб меравад, ки моҳияти худро дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ пайдо намудааст.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки дар замони муосир яке аз масъалаҳои мубрами сатҳи давлатӣ ва байналхалқиро ҳаллу фасли проблемаҳои экологӣ ташкил менамояд. Албатта барои ҳаллу фасли масоили экологии мавҷуда дар дохили давлат мақомотҳои ваколатдори давлатӣ ва сохторҳои мусоидаткунанда дар ин самт фаъолият менамоянд, ки функсияи экологии давлатро ба амал мебароранд. Дар баробари ин, барои ҳалли масоили экологӣ дар минтақа ва ҷаҳон бошад, ташкилотҳои байналхалқӣ фаъолияти худро дар ин самт низ роҳандозӣ менамоянд.

Дар баробари ин, проблемаҳои мавҷудаи экологӣ ба монанди истифодаи самаранок ва оқилонаи сарватҳои табиӣ, гармшавии бесобиқаи иқлими сайёра, аз ҳадди муқаррарӣ барзиёд обшавии пиряхҳо, биёбоншавӣ, вазъи ногувори эпидемиологии сайёра, норасогии об, рахнашавии барзиёди қабатҳои озонии ҳавои атмосферӣ, ифлосшавии ҳаво ва монанди инҳо дар маркази диққати ҷиддии ҳуқуқшиносон, экологҳо, иқтисодчиён, файласуфон, сиёсатшиносон, географҳо ва намояндагони дигари донишҳои илмӣ ва намояндагони ҳокимияти давлатӣ қарор доранд. Бинобар ҳамин, таҳқиқи илмии масъалаи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвар нақши муҳим дошта метавонад.

Бевосита дар илми ҳуқуқшиносӣ таваҷҷуҳи асосиро масъалаҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, проблемаҳои истифода ва ҳифзи сарватҳои табиӣ, функсияи экологии давлат, татбиқи қонунгузории амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки вазъи экологӣ сол аз сол ташвишовар шуда, ояндаи кору зиндагонии муътадили одамро дар рӯи замин зери хатар мегузорад. Ифлосшавии табиат «сарҳадҳои миллӣ»-ро намедонад ва ба муҳити атроф паҳн мегардад. Ин гуна вазъият фаъолияти ба ҳам мутобиқ, мақсадноки функсионалии ҳамаи давлатҳоро талаб мекунад. Бо дарназардошти ин, таҳқиқи масъалаи мазкур аз лиҳози илми назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат мубрам маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло аз нигоҳи назарӣ ва амалӣ омӯзиши масъалаи мазкур саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти маҷмӯӣ, ки дар он тамоми ҷанбаҳо ва масъалаҳои функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ омӯхта шуда бошанд, ҷой надоранд. Танҳо баъзе аз олимони ватанӣ, ба мисли Р.Ш. Шарофзода, С. Ҳасанов, Э.С. Насриддинзода, А.Г. Холиқзода, Р.Ҷ. Ҷабборов, М.М. Соҳибзода, Д.К. Ибрагимов, С.Ш. Шарифзода, Ш.Х. Ҳафиззода ва дигарон моҳиятан ва ё паҳлуҳои соҳавии масъалаи ишорашударо мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Дар диссертатсия масъалаҳои гуногуни функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар доираи таҳқиқоти мазкур муаллиф ба масъалаҳои ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муосири рушди функсияи экологии давлат, мафҳум ва хусусиятҳои функсияи экологии давлат, мавқеи функсияи экологии давлат дар низоми функсияҳои давлат, шакл, усул ва механизмҳои амалишавии функсияи экологии давлат, экологикунонии қонунгузорӣ ҳамчун механизми амалишавии функсияи экологии давлат ва нақши

ҳамкориҳои байналмилалӣ дар амалишавии функсияи экологии давлат диққати махсус додааст.

Унвонҷӯ мубрамияти амалии мавзуъро дар амалисозӣ ва татбиқи воқеии функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир маънидод намуда, бар он назар аст, ки барои дар сатҳи зарурӣ татбиқ намудани масъалаи мазкур бояд мазмуни меъёрҳои қонунгузории соҳа то андозае тағйир дода шавад.

Унвонҷӯ функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосирро дар заминаи методҳои умуми илмӣ ва махсуси илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода, дар натиҷа хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснокро манзур намудааст, ки онҳо дар рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, таҷдиди қонунгузории соҳа ва татбиқу амалишавии функсияи экологии давлат метавонанд нақши назаррас дошта бошанд.

Мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои асосии диссертатсия метавонанд дар таҳқиқоти таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи экологӣ ва ғайра истифода шаванд. Муҳаққиқ Қодирзода М.А. дар доираи таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои мухталифи функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосирро баррасӣ намуда, хулосаҳои худро бо далелҳои муътамади илмӣ ва андешаҳои муҳаққиқон асоснок кардааст.

Муҳаққиқ дар назди худ вазифаҳои зеринро гузоштааст:

– омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи мафҳуми функсияи экологии давлат бо такя ба доктринаҳои исботгардидаи назариявии илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, дар муқоиса дақиқ намудани мазмуни функсияи экологии давлат дар мутобиқат бо меъёрҳои миллии амалкунандаи Тоҷикистон;

– муайян намудани асосҳои таърихии бавуҷудоӣ ва эътироф гардидани функсияи экологии давлат дар байни низоми функсияҳои амалкунандаи давлатӣ;

– таҳлили ҳамаҷониба ва муқаррар намудани вазифаҳои функсияи экологии дохилӣ ва берунии давлат;

– муайян намудани механизми бартариятдоштаи баамалбарории функсияи экологии давлат дар замони ҳозира;

– омӯзиши назариявӣ ва қонунгузорӣ оид ба асосҳои иқтисодии амалигардонии функсияи экологии давлат дар Тоҷикистон;

– тадқиқоти мукаммал оид ба масъалаи таъмини ташкилӣ-ҳуқуқии баамалбарории функсияи экологии давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди назариявии он доир ба дурнамои инкишофи масоили мазкур;

– омӯзиш оид ба масъалаи актуалӣ ва мубрами соҳаи ҳуқуқи экологӣ, яъне дақиқ намудани нақши мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар баамалбарории босамар ва мақсадноки функсияи экологии давлат дар Тоҷикистон.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои алоҳида асоснок карда шудаанд ва онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 24 мақолаҳои илмӣ ба табъ расондааст, ки 10 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд, аз ҷумла:

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Кодиров, М.А. Правовая природа экологической функции государства: вопросы теории [Текст] / М.А. Кодиров // Вестник ТГУПБП (научно-теоретический журнал). Серия общественных наук. – Худжанд, 2019. – №2(79). – С. 92–98.

2. Қодирзода, М.А. Баъзе масъалаҳои назариявии моҳияти функсияи экологии давлат [Матн] / М.А. Қодирзода, Ҷ.А. Акбарализода // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2020. – №4(40). – С. 96–101.

3. Кодирзода, М.А. Взаимодействие развития понятия "экологическая функция государства" и науки экологического права [Текст] / М.А. Кодирзода // Вестник ТГУПБП (научно–теоретический журнал). Серия общественных наук. – Худжанд, 2021. – №1 (86). – С. 96–103.

4. Кодирзода, М.А. Защита окружающей среды как основа реализации экологической функции Республики Таджикистан [Текст] / М.А. Кодирзода, Д.А. Акбарализода // Труды академии МВД Республики Таджикистан (научный журнал). – Душанбе, 2021. – №1(49). – С. 84–89.

5. Қодирзода, М.А. Ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист [Матн] / М.А. Қодирзода // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2021. – №1(41). – С. 90–96.

6. Қодирзода, М.А. Муқовимат бо коррупсия дар амалишавии функсияи экологии давлат: ҷанбаҳои экологӣ-ҳуқуқии он [Матн] / М.А. Қодирзода // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2021. – № 2 (42). – С. 8-13.

7. Қодирзода, М.А. Таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқии амалишавии функсияи экологии давлат [Текст] / М.А. Қодирзода, А.Д. Ғафурзода // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2021. – № 2 (43). – С. 13–18.

8. Қодирзода, М.А. Дастрасӣ ба иттилооти экологӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ [Текст] / М.А. Қодирзода, Ҷ.А. Акбарализода // Идоракунии давлатӣ (маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2021. – № 3 (52). – С. 162–172.

9. Қодирзода, М.А. Нақши функсияи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти экологӣ [Текст] / М.А. Кодирзода // Осори академияи ВКД (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2021. – №3 (51). С. 115–123.

10. Кодирзода, М.А. Некоторые проблемы экологической функции государства [Текст] / М.А. Кодирзода // Вестник ТГУПБП (научно–теоретический журнал). Серия общественных наук. – Худжанд, 2021. – №4 (89). – С. 114–121.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

11. Қодиров, М.А. Асосҳои ҳуқуқии функсияи экологии давлат [Матн] / М.А. Қодиров // Маводҳои Форуми II – юми ҳуқуқшиносони ҷавон / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2018. – С. 12-15.

12. Қодиров, М.А. Моҳияти ҳуқуқии функсияи экологии давлат [Матн] / М.А. Қодиров // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-методӣ «Масоили мубрами илми ҳуқуқшиносии муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо: назария ва амалия» – Хуҷанд: Чопхонаи Ношир, 2019. – С. 329–331.

13. Қодиров, М.А. Нақши ҳуқуқи байналмилалии экологӣ дар замони муосир [Матн] / М.А. Қодиров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии вилоятии олимони ҷавони вилояти Суғд, 24.12.2018 сол, «Механизмҳои муосири ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд: масъалаҳо ва дурнамои он» – Хуҷанд: Чопхонаи Дабир, 2019. – С. 26–30.

14. Қодирзода, М.А. Таъмини ташкилӣ-ҳуқуқии амалишавии функсияи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ [Матн] / М.А. Қодирзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Мушкилоти ҳимояи ҳуқуқи инсон дар шароити мураккабшавии равандҳои ҷаҳонишавӣ ва дигар ҷолишҳои асри XXI»–Душанбе: Чопхонаи АИДНПҶТ, 2020. – С. 198–207.

15. Кодирзода, М.А. Теоретико-правовые основы актуальности экологической функции Республики Таджикистан [Текст] / М.А. Кодирзода, М.М. Сохибзода // Scientific Collection «InterConf», (39): with the Proceedings of the 8th International Scientific and Practical Conference «Science and Practice: Implementation to Modern Society» (December 26-28, 2020). Manchester, Great Britain: Peal Press Ltd., 2020. – 1851 p. – SCIENTIFIC COLLECTION «INTERCONF» | № 3(39). – С. 1052-1061.

16. Кодирзода, М.А. Некоторые вопросы становления экологической функции Республики Таджикистан [Текст] / М.А. Кодирзода // XIX International correspondence scientific specialized conference «International scientific review of the problems of Law, Sociology and Political science». (Boston. USA. March 29-30, 2021). – Boston. 2021. – P. 28-38.

17. Қодирзода, М.А. Баъзе масъалаҳо оид ба инкишофи функсияи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.А. Қодирзода, Ҷ.А. Акбаризода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии онлайнӣ таҳти унвони «Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самараноки он» – Душанбе: Чопхонаи АИДНПҶТ, 2021. – С. 69–76.

18. Kodirzoda, M.A. Legal-theoretical aspects of the state ecological function [Текст] / M.A.Kodirzoda, J.A. Akbaralizoda // Scientific Collection «InterConf», (62): with the Proceedings of the 9 Th International Scientific and Practical Conference «Scientific Research in XXI Century» (June 18-19, 2021). Ottawa, Canada: Methuen Publishing House, 2021. – P. 298-305.

19. Kodirzoda, M.A. The concept of the ecological function of a state [Текст] / M.A. Kodirzoda, J.A. Akbaralizoda, Ya.B. Hakimov // Scientific Collection «InterConf», (65): with the Proceedings of the 4 th International Scientific and Practical Conference «Global and Regional Aspects of Sustainable Development» (July 6-8, 2021). Copenhagen, Denmark: Berlitz Forlag, 2021. – P. 94-101.

20. Кодирзода, М.А. Нормативно-правовые основы экологической экспертизы [Текст] / М.А. Кодирзода, М.М. Сохибзода, Ҷ.А. Акбарализода // Вестник науки. – 2021. – №4-2(6). – С. 76-86.

21. Кодирзода, М.А. Некоторые вопросы экологических прав человека [Текст] / М.А. Кодирзода, Ҷ.А. Акбарализода // XX International correspondence scientific specialized conference «International scientific review of the problems of law, sociology and political science» (Boston. USA. May 26-27, 2021). – P. 42-55.

22. Қодирзода, М.А. Функсияи экологӣ дар давраи Зардуштӣ ва давлатдории Сомониён: ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии он [Матн] / М.А. Қодирзода // «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития» IX Международная научно-практическая конференция, посвященная 30-летию независимости Республики Таджикистан и 25-летию Российско-Таджикского (Славянского) университета (Душанбе, 15 -16 октября 2021 г.). – С. 22–26.

23. Kodirzoda, M.A. Role of international law in implementation of ecological functional goals of the state [Текст] / M.A. Kodirzoda, J.A. Akbaralizoda, // Scientific Collection «InterConf», (93): with the Proceedings of the 3 Rd International Scientific and Practical Conference «Scientific Trends and Trends in The Context of Globalization» (December 21-22, 2021). Umeå, Sweden: Mondial, 2021. – P. 257-264.

24. Kodirzoda, M.A. Theoretical and legal essence of ecological audit in the Republic of Tajikistan [Текст] / M.A. Kodirzoda, M.M. Sohibzoda, J.A. Akbaralizoda // Scientific Collection «InterConf», (96): with the Proceedings of the 6 th International Scientific and Practical Conference «Scientific Community: Interdisciplinary Research» (January 26-28, 2022). Hamburg, Germany: Busse Verlag GmbH, 2022. – P. 555-562.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

2. Диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба ҳимоя тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷласаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “тарафдор” – 20 нафар, “зид” – 0 нафар, “бетараф” – 0 нафар, суратмаҷлиси №1 аз 24 июни соли 2022

Раиси ҷаласа: номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, муовини якуми директори Маркази миллии
қонунгузории назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Соҳибзода М.М.

Котиби ҷаласа: Шеров Ш.З.

Имзои Соҳибзода М.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори бахши кадрҳо ва коргузорӣ Сафаров К.С.
“24” ____июни________ соли 2022